**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, ½)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Ҷумъаев Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобохонова Шахрбону Холназаровна дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

## I. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳу сифати некуаҳволии аҳолӣ ва таъминоти раванди бетанаффуси такрористеҳсолот ба дараҷаи назаррас ба таъмини нерӯи барқ алоқаманд аст. Бозори фурӯши барқ, агар аз як тараф, соҳаи муҳими таъмини иқтисодиёти мамлакат бо энергия ба шумор равад, аз тарафи дигар сарчашмаи ташаккулдиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ барои ширкатҳои ватанӣ ва воридоти асъори хориҷӣ ҳангоми содироти он мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир новобаста аз мушкилоти норасогии сармоягузорӣ, тағйироти назаррас дар ташкили истеҳсолот, тақсимот ва фурӯши барқ ба чашм мерасад, ки ба бунёди нерӯгоҳҳои нав, таҷдиду азнавсозии нерӯгоҳҳои амалкунанда, ба истифода додани иқтидорҳои бузурги истеҳсолии энергияталаб ва аз байн бурдани маҳдудияти таъминоти нерӯи барқ ба аҳолӣ алоқаманд аст.

Дар баробари ин, ташкили низоми самараноки истеҳсолот, тақсимот ва фурӯши нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидиро барои расидан ба ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ хоҳад бозид. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисодӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба мавҷудияти ин масъалаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд, ки аз баррасии асосҳои назариявӣ, илмӣ-методӣ, вазъи муосири ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи хулосаю пешниҳодҳои амалӣ баҳри мукаммалгардонии сохтори бозори фурӯши барқ иборат аст.

**II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм**

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ мувофиқат мекунад:

3 – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

15 – Роҳҳои таҳқиқ ва истифодаи самараноки потенсиали субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва хизмати маишӣ.

18 - Сармоягузорӣ ба рушди савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ ва истифодаи самаранокии он.

19 – Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир.

26 - Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муаллифи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои назарраси назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалиро, ки дар таҳқиқоти мазкур инъикос ёфтаанд ва дорои унсурҳои навгонии илмии зерин мебошанд, асоснок намуда, ба ҳимоя пешниҳод кардааст:

1. Заминаҳои таърихӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ шуда, дар ин асос хусусиятҳои амалкунӣ ва рушди он муайян карда шудаанд.

2. Таҷрибаи хориҷии фаъолияти субъектҳо дар бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, истифодаи ҷиҳатҳои мусбати он барои мукаммал

гардонидани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

3. Шароит ва заминаҳои рушди бозори фуруши барқ муайян карда шуда, зарурати таҳия ва рушди санадҳои дахлдор ҷиҳати ба расмият даровардани муносибатҳои тиҷоратии онҳо асоснок карда шудааст.

4. Муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, барои пайваст шудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии электроэнергетикӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд.

5. Омилҳо ва шароити рушди бозори фурӯши барқ дар заминаи истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

6. Тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо ва дастовардҳои илмию техникии муосир дар бозори фурӯши барқ таҳия ва пешниҳод карда шуданд.

7. Амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия карда шудааст.

**IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар шароити муосири иқтисодӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳқиқот ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин

интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои такризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**V. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳия гардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар раванди ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ имконият фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои аз ҷамъбасти диссертатсия пешниҳодгардида метавонанд аз ҷониби мақомоти дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ ваколатдор, соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳои фурӯши барқ барои амалисозӣ дар фаъолияти худ ба кор бурда шаванд.

**VI. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.**

Кори мазкур аз пешгуфтор, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, се боб, ки мазмуни умумии мавзӯъро муайян менамоянд, иборат мебошад. Диссертатсия аз 183 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дар он 16 ҷадвал ва 14 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 154 номгӯй иборат мебошад.

Дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи навгонии илмӣ, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ асоснок карда шуда, инчунин муқаррароте махсус қайд карда шудаанд, ки навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ, таъйидии натиҷаҳои бадастомадаро тавсиф менамоянд (С.6-12).

Дар боби якум — «Асосҳои назариявии ташаккули бозори фурӯши барқ» заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ карда шуда, асосҳои консептуалии амаликунии он муқаррар ва таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ арзёбӣ карда шудааст (С.13-60).

Дар асоси таҳқиқи асосҳои илмӣ – ташаккулии бозори фурӯши барқ, моҳияту маънии мафҳумҳои поягии он, муаллиф тафсири бозори фурӯши қувваи барқро ба роҳ монда, хусусиятҳои умумии онро ошкор ва усулҳои танзими давлатиии нархро дар ин соҳа маънидод менамояд (С.16-19). Ба андешаи муаллиф “фаъолияти эътимоднок ва босамари электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо барқ асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини шароити мутамаддини зиндагии аҳолӣ мебошад” (С. 19). Муаллиф дар диссертатсия раванди пайдоиш ва рушди электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро марҳилабандӣ намуда, бозори фурӯши барқро ҳамчун ҷараёнҳои пуриқтидори сарватҳои молиявӣ тавсиф медиҳад (С.22).

Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф вазифаҳои бозори фурӯши барқ дақиқ, хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол тавзеҳ ва омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасонро гурӯҳбандӣ менамояд (С.29-32).

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори фурӯши барқ дар шароити инҳисори табиӣ амал менамояд ва асосан аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» танзим ва идора мешавад (С.35). Дар диссертатсия тарҳи сохтории бозори ба таври амудӣ ҳамгирошудаи фурӯши барқ тафсиф карда мешавад (С.41).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавқеи махсусро омӯзиши таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фурӯши барқ ишғол менамояд. Қайд карда мешавад, ки қариб дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон равандҳои истеҳсол, интиқол ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани нерӯи барқ дар як соҳаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаро гирифта шуда, фаъолияти он аз ҷониби давлат қатъиян назорат ва танзим карда мешавад (С.46). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки амнияти миллӣ умуман ва аз ҷумла амнияти энергетикии мамлакат чун самти афзалиятнок дар ташаккули сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, муаллиф собит намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ мақоми беҳтарро дар ташаккули бозори босамари фурӯши барқ нисбат ба аксари мамлакатҳои хориҷии дур ишғол намудааст (С.60).

Дар боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи муосири соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва имконияти ҳамгироии бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии фурӯши барқ муайян карда шудааст (С.61-113).

Дар дисертатсия дар асоси таҳқиқи вазъи муосири соҳаи электроэнергетика хулосабарорӣ карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои назаррас барои рушди манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ (нерӯгоҳҳои офтобӣ, бодӣ ва обии хурд) мавҷуд аст (С.66). Собит карда мешавад, ки иктидори энергетикаи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз талаботи тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба нерӯи барқ се маротиба зиёд аст (С.67).

Аз нигоҳи муаллиф барои пурра бартараф намудани норасоии нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон, рушди содироти он, дароз намудани муҳлати истифодаи иншоотҳои электроэнергетикӣ дар мамлакат – роҳандозӣ намудани ислоҳоти ташкилӣ ва сохторӣ дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мегардонад (С.67).

Ба андешаи муаллиф низоми санадҳои амалкунанда, ки ваколат ва уҳдадориҳои ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро муайян мекунад, ба талаботи имрӯзаи фаъолияти субъектҳои алоҳида дар бозори фурӯши барқ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, барои ҷорӣ намудани унсурҳои бозор ва рақобат дар фаъолияти ширкати мазкур, зарурати таҳия ва рушди санадҳои дахлдор ҷиҳати ба расмият даровардани муносибатҳои тиҷоратии онҳо ба миён меояд (С.73).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки напардохтани арзиши барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон, мушкилоти асосии соҳа буда ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳолати санаи 1 январи соли 2022 нисбат ба 1 январи соли 2015 4,5 маротиба зиёд шуда, суръати афзоиши он ҳамасола ба ҳисоби миёна 119,5% -ро ташкил менамояд (С.75).

Дар асоси гузаронидани таҳқиқиқоти сифатнок оид ба танзими давлатии бозори фурӯши барқ ва фаъолияти субъектҳои он, муаллиф сохтори нави бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили таъсири хавфҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки самтиояндаи рушди бозори фурӯши барқ дар мамлакат бештар аз тадбирҳои давлатии сиёсати иқтисодӣ, андозбандӣ ва пулию карзӣ, инчунин дигаршавиҳои пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар мухити тиҷоратӣ вобаста мебошад (С.98).

Дар боби дуюм мавқеи махсусро таҳқиқи имкониятҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои минтақавии фурӯши барқ ишғол менамояд. Тахлил нишон медиҳад, ки мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ заминаҳои заруриро барои таҳкими ҳамгироӣ дар бозори фурӯши барқ  ва минбаъд ташаккул додани бозори умумии он доро мебошанд (С.108). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мубодилаи нерӯи барқ дар байни мамлакатҳои минтақа, ки то имрӯз амалӣ мешавад, маҳдуд буда, аз иқтидори мавҷудаи гузарониши шабакаҳо ба андозаи назаррас пасттар аст. Сабабҳои асосии ин ҳолат ба андешаи муаллиф сатҳи пасти идоракунӣ ва мутобиқсозии шабакаи минтақавӣ, мавҷуд набудани ҳамоҳангсозии истеҳсоли барқ, тақсимоти сарфакоронаи сарборӣ ва банақшагирии он мебошанд.

Дар боби сеюм – «Дурнамои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» имкониятҳои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ва татбиқи инноватсияҳо дар бозори миллии фурӯши барқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, амсилаи рушди бозори миллии фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ таҳия карда шудааст (С.114-155).

Муаллиф бо гузаронидани таҳлили ояндадори манбаъҳои хурди тавлиди барқ собит менамояд, ки энергетикаи хурди обӣ унсури муҳими низоми энергетикӣ ба шумор меравад. Аз тарафи муаллиф бартариятҳои нерӯгоҳҳои барқии обиии хурд ошкор карда шуда, самти ояндадори истифодаи онҳо дар дарёҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад.

Ҷолибияти махсусро дар диссертатсия арзёбии имконияти татбиқи инноватсияҳо дар бозори миллии фурӯши барқ касб менамояд. Натиҷаи чунин таҳлил ба диссертант имконият медиҳад, ки дурнамои талабот ба нерӯи барқ дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуда, оид ба истифода аз имкониятҳои низоми электроэнергетикии тақсимшудаи бунёди шабакаҳои зеҳнӣ (smart-grid) тавсияҳои илман асоснок ироа карда шавад. Ба андешаи муаллиф татбиқи технологияҳои smart-grid имкон медиҳанд, ки технологияҳои гуногуни истеҳсол ва ғункунии нерӯи барқ якҷоя карда шаванд ва дараҷаи боэътимодӣ ва бехатарии таъминоти барқ баланд бардошта шавад (С.141).

Мо нуқтаи назари муаллифро оид ба бунёди бозори рақобатпазири фурӯши барқ, пеш аз ҳама дигар кардани сохтори соҳа, таъсис додани мақомот ва субъектҳои мустақили бозор пурра дастгирӣ менамоем.

Дар хулосаву пешниҳодот натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**VII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.**

Новобаста аз он, ки пурра ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд агар муаллиф ҳангоми тавзеи истилоҳи “бозори фурӯши барқ” қисматҳои таркибии онро аз қабили бозори яклухт ва чаканаи фурӯши барқ нисбатан возеҳ ошкор менамуд.

2. Дар таҳқиқоти дисертатсиони ҷойгоҳи махсусро таҳқиқи таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фурӯши барқ касб менамояд. Дар баробари ин, чунин таҳқиқ бештар дар давлатҳои Амрикои Шимолӣ, Аврупои Шарқӣ ва мамлакатҳои Скандинавия маҳдуд мегардад, ки имконияти татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери шубҳа қарор медиҳад. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф дар ин раванд бештар таҷрибаи кишварҳои ИДМ, Осиёи Марказӣ ва Шарқиро мавриди таҳқиқ қарор медод.

3. Таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф оид ба вазъи муосири соҳаи энергетика ва таъсири он ба бозори фурӯши барқ дар соҳаи истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ дар дохили мамлакат маҳдуд мегардад. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар чунин таҳлил дар бахши содироти қувваи барқ ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монда мешуд.

4. Таҳлили гузаронидаи муаллиф оид ба мушкилоти интиқол ва истифодаи барқ нишон медиҳад, ки дар соли 2021 талафати нерӯи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ ба 43,52% баробар аст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид агар муаллиф сабабҳои чунин талафотро дақиқтар намуда, имконияти ба ҳадди ақал расонидани онро бо дарназардошти татбиқи низоми самараноки назорат ва идоракунии шабакаҳои тақсимоти барқ пешниҳод менамуд.

5. Дар диссертатссия татбиқи инноватсияҳо – самти афзалиятноки рушди бозори миллии фурӯши барқ арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, сарчашмаҳои аосии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ дар бахши истеҳсол, тақсимот ва фурӯши барқ дар шароити

маҳдудияти захираҳои молиявии ҶСК “Барқи тоҷик” нишон дода намешавад.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

**VIII. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ»**

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Умуман диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи баланди илмӣ–методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 –Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**
**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.